**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи «Тағйирпазирии генотипи аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси, 6D060707 - Генетика пешниҳод шудааст.**

Сохтори рисолаи доктори фалсафа (PhD) Дилшоди Ҳабибулло аз муқаддима, шаш боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима ба таври маъмул аҳамияту мубрамияти рисолаи номзадӣ, муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи таҳияи мавзӯъ, мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, асосҳои методӣ, назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, робитаи мавзӯи диссертатсия бо барномаи илмӣ, аҳамиятӣ илмӣ – амалии рисола баррасӣ шудаанд. Муқаддимаи рисола аз ҷиҳати бандубаст, сохтор ва ҷобаҷогузории бахшҳо дуруст тарҳрезӣ шудааст.

Саҳми шахсии диссертант Дилшоди Ҳабибулло дар ҷараёни кор аз мушаххас кардани вазифаҳои таҳқиқот, интихоби усули методология ва гузаронидани озмоиш, ҷамъоварӣ ва коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи хулосаҳои рисола иборат аст. Рисолаи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, муаллифи он дар ҷустуҷӯ, таҳлили адабиёт, истифодаи усулҳои таҳқиқот, ба даст овардан ва коркарди ҳамаи маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳлилу хулосабарорӣ ва навиштани рисола саҳми комил дорад.

Рисоланавис оиди дар истеҳсолоти хоҷагидорӣ, ба вуҷуд овардан ва ба истифода додани навъҳои устуворнокиашон баланд, ҳамзамон яке аз проблемаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, на танҳо барои хоҷагии мардум, балки аз ҷиҳати экологӣ, аҳамияти калон доранд маълумотҳо овардааст. Натиҷаҳои бадастомада нишон додаанд, ки навъҳои ба касалии занги барг устувор, метавоноанд таъсири байни гении системаи полигении типҳои гуногунро муайян созанд.

Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълум гардидааст, ки бо назардошти маълумотҳои адабиёти илмӣ оид ба самти таҳқиқот, гузаронидани корҳои озмоишгоҳӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, усулҳои дурагакунӣ, коркард ва ба даст овардани натиҷаҳо илмӣ, дар оянда дар ҳудуди Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Дар натиҷа, диссертант Дилшоди Ҳабибулло дар сатҳи баланд вазифаҳои дарпешгузоштаи худро иҷро намуда, натиҷаҳои беҳтаринро

аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ ба даст овардааст. Хулосаҳо дақиқ буда, асоснок карда шудаанд ва пурра натиҷаҳои таҳқиқотро фаро мегиранд.

Кори ба анҷом расонидашуда натиҷаҳои навтаринро фаро гирифта, дар оянда пас аз омӯзиши иловагӣ, ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ барои омӯзиши минбаъда ҳамчун маводи ёрирасон дар омӯзиши фанҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Аз рӯйи муҳиммият, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ диссертатсияи Дилшоди Ҳабибулло дар мавзӯи «Тағйирпазирии генотипи аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ фоиданок дар баъзе навъҳои гандум ва ҳамавлоди ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор» мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Дилшоди Ҳабибулло ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси, 6D060707 - Генетика арзанда мебошад.

Мидири кафедраи биохимия ва генетикаи
факултети биологияи ДДОТ
ба номи С. Айнӣ, н.и.б., дотсент Раҳимзода Ш.Ҳ.

733740, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдаки, 121. тел: +992 100005050
E-mail: rakhimzoda sherali.@mail.ru

Имзои Ш.Ҳ. Раҳимзодаро -ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

20.02.2023

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ